# КУМИТАИ ДАВЛАТИИ ИДОРАИ ЗАМИН ВА ГЕОДЕЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ҚАРОР

аз «19» 01 2022 сол. № 10 ш.Душанбе

Дар бораи тасдиқ намудани Нархномаҳо барои пешниҳод намудани иттилоот аз феҳристи ягонаи давлатии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он, додани машваратҳои ҳуқуқӣ оид ба анҷомдиҳии амалиёти бақайдгирӣ, нусхабардории ҳуҷҷатҳо, дигар хизматрасонии ҳуқуқӣ ва техникии ба бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳои ба он алоқаманд

Мутобиқи сархати чордаҳуми моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он"

**ҚАРОР МЕКУНАМ:**

1. Нархномаҳо барои пешниҳод намудани иттилоот аз феҳристи ягонаи давлатии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он, додани машваратҳои ҳуқуқӣ оид ба анҷомдиҳии амалиёти бақайдгирӣ, нусхабардории ҳуҷҷатҳо, дигар хизматрасонии ҳуқуқӣ ва техникии бо бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳои ба он алоқаманд тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Қарори мазкур бо тартиби муқарраргардида ба Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати мувофиқа намудан пешниҳод карда шавад.
3. Қарори мазкур баъд аз мувофиқа намудан бо Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди амал қарор дода шавад.
4. Қарори раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.11.2016, №24 "Дар бораи тасдиқ намудани Нархномаҳо барои пешниҳод намудани иттилоот аз феҳристи ягонаи давлатии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он, додани машваратҳои ҳуқуқӣ оид ба анҷомдиҳии амалиёти бақайдгирӣ, нусхабардории ҳуҷҷатҳо, дигар хизматрасонии ҳуқуқӣ ва техникии бо бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳои ба он алоқаманд" аз эътибор соқит дониста шавад.
5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини якум ва муовинони раис гузошта шавад.

Раис Хоҷазода О. А.

**ХАДАМОТИ**
**ЗИДДИИНҲИСОРИИ НАЗДИ**
**ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734033, ш. Душанбе, кӯчаи Лоҳутӣ 24, телефон: (992-372) 223-10-08, 223-07-28, 2121
факс: (992-372) 227-78-82, email: info@ams.tj, сайт: www.ams.tj

№ 02-073/334 аз « 19 » марта соли 2022
№2/22-1085(9.35) аз 15 марти соли 2022

Ба Абдуллозода З. 31.03.22с
Умариён Р.Ф.
барои корбарӣ
30.03.22.
Ба Шарифзода С.Н.
[illegible]
01.04.22.

Кумитаи давлатии идораи замин
ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нархномаҳо барои пешниҳод намудани иттилоот аз феҳристи ягонаи давлатии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он, додани машваратҳои ҳуқуқӣ оид ба анҷомдиҳии амалиёти бақайдгирӣ, нусхабардории ҳуҷҷатҳо, дигар хизматрасонии ҳуқуқӣ ва техникии бо бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳои ба он алоқамандро ҷиҳати истифода дар фаъолият пешниҳод менамояд.

Муовини якуми
Сардори Хадамот С. Қурбонзода

КУМИТАИ ДАВЛАТИИ ИДОРАИ ЗАМИН
ВА ГЕОДЕЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МУРОСИЛОТИ ВОРИД
№ 864 30 03 с.20 22

Раёсати ҳимоя ва рушди рақобат
тел: 223 07 69

| | |
|---|---|
| Бо қарори Раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 январи соли 2022, таҳти №10 тасдиқ карда шудааст | Бо Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии мувофиқа карда шуд |

# *Б О Б И   III*

## *Нархномаҳо*
## *барои хизматрасонии корҳои заминсозӣ ва кадастри замин*

# МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Нархномаҳо барои хизматрасонии корҳо заминсозӣ ва кадастри замин (боби 3) барои истифода ҳангоми муайянсозии арзиши сметавии корҳои лоиҳакашӣ ва ҷустуҷӯӣ, таҳия намудани парвандаҳои заминсозӣ дар марҳилаи бастани шартномаҳо аз ҷониби фармоишгарон бо ташкилотҳои иҷрокунандаи корҳои заминсозӣ, кадастри замин пешбинӣ шудааст.

2. Нархҳо ва хароҷотҳо барои таъмини иҷрои корҳои техникӣ ва сифати корҳои иҷрошударо мувофиқи талаботҳо ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, стандартҳои давлатӣ ва соҳавӣ алоқамандро дар бар мегирад ва дар асоси маводҳои зерин тартиб дода шудданд;

- меъёрҳои намунавии вақт барои корҳои лоиҳакашӣ ва ҷустуҷӯӣ доир ба заминсозӣ ва кадастраи замин, ки аз ҷониби Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудаанд.
- меъёрҳои амалкунанда ва ҳисоби хароҷотҳо доир ба маводҳои ҷудогонаи сметаи хароҷот мувофиқи номгӯи хароҷотҳои асосӣ ва иловагӣ барои корҳои иловагии лоиҳавӣ ва ҷустуҷӯӣ.

3. Дар нархҳо ҷамъоварӣ ва ҷудокунии нақшавии маблағҳо ба буҷа мувофиқи меъёрҳои муқарраршуда ва қонунгузории ҷорӣ, инчунин хароҷотҳои меҳнати иҷрокунандагон ба эътибор гирифта шудааст:

- интихоб ва дастрас намудани ҳуҷҷатҳо, маводҳо, асбобҳо, таҷҳизотҳо, анҷомҳо ва дигар воситаҳои барои иҷрои корҳо зарур ва супоридани онҳо баъд аз анҷоми кор;
- тайёр намудани ҷои кор то саршавии кор ва тоза намудани он баъди анҷоми рӯзи корӣ;
- мушоҳида, санҷиш ва тайёр намудани асбобҳо, таҷҳизотҳо, анҷомҳо дар саршавӣ ва вақти корӣ;
- додани супориш ба иҷрокунанда (мутахассиси дараҷаи I) ва қабул намудани корҳои иҷрошуда;
- гирифтани тавсияҳо ва маълумотҳо дар рафти кор;
- коркарди зарурии амалҳои дигари лоиҳавӣ;
- тартиб додани шарҳнома ва ҳисоботи техникӣ доир ба корҳои гузаронидашуда;
- мувофиқакунонӣ ва мутобиқсозии корҳо бо воҳидҳои дохилии корхона;
- ҷорӣ намудани дафтарҳои саҳроӣ ва тартиб додани санадҳо доир ба корҳои иҷрошуда;
- супоридани корҳои иҷрошуда ба роҳбарият ва ворид намудани ислоҳот, илова ва тағйиротҳо мувофиқи нишондодҳои ӯ;
- аз як ҷой ба ҷои дигар иваз намудани маҳалли корӣ;
- тибқи тартиби муқарраргардида дар рафти кор истироҳат намудан;
- додани маслиҳатҳо доир ба техникаи бехатарӣ, инчунин гузаронидани маслиҳатҳо бо коргароне, ки барои иҷрои корҳо ҷалб карда шудаанд.

4. Нархҳо бо назардошти шароитҳои зерин муқаррар шудаанд:

- шароити ҷумҳурӣ дар гурӯҳҳо, меъёри реҷаи иҷроиши корҳо ва иҷро намудани корҳои саҳроӣ дар давраи мусоиди сол;

- ташкил ва таъминоти иҷрокунандагон бо маводҳои зарурӣ, ҳуҷҷатҳо, супориш барои кор, инчунин бо асбобу анҷом, лавозимот, таҷҳизот ва дигар воситаҳои зарурӣ;

- истифода намудани ташкили оқилонаи меҳнат ва усулҳои пешқадами кор;

- ташкили меҳнати ба талаботҳои меъёри ҷавобгӯй, риояи қоидаҳо ва дастурҳо оид ба ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ;

- баровардани ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ва дигар маводҳои техникии мувофиқ ба талаботҳои дастурҳо, нишондодҳо ва шароитҳои техникии амалкунанда;

- ҳайати пурраи иҷрокунандагон, ки дар меъёрҳои намунавии вақт барои корҳои заминсозӣ ва кадастри замин пешбинӣ шудааст.

5. Ба нархҳо хароҷотҳои зерин ба инобат гирифта нашудаанд ва иловагӣ аз рӯи ҳисоботҳои махсус муайян гардида дар сметаҳо пешбинӣ карда мешаванд:

- рафту омад аз ҷои ҷойгиршавӣ (институт, филиал, экспидитсия, корхона) то маҳали корӣ ва баргаштан ё ин ки аз як маҳал ба маҳали дигар;

- назорат ва қабули корҳо аз тарафи фармоишгар ё ташкилоти болоӣ;

- тайёр намудани маълумотҳои ибтидоӣ, батартибдарорӣ ва таҳлили онҳо;

- мувофиқакунонӣ ва тасдиқ намудани ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ – сметавӣ (ба ғайр аз ҳолатҳои ба тартиби кор ифода ёфтаи маҷмӯаи меъёрҳои намунавии вақти корҳои заминсозӣ ва кадастраи замин);

- пардохти хароҷотҳо барои истифодаи нақлиёти беруна то ҷои иҷроиши кор;

- нигоҳдории пойгоҳҳо дар маҳали иҷроиши корҳо;

- нусхабардории шарҳнома ва ҳисоботҳои техникии пешбинишуда бо дастурҳои амалкунанда, нишондодҳо ва шартҳои техникӣ;

- ташкил ва барҳамдиҳии кор;

- барасмиятдарории иҷозатнома барои иҷрои корҳои саҳроӣ, ки бо қувваи ташкилот иҷро шудаанд;

- тайёр намудан ва супоридани нусхаҳои маводҳои фосилавии тадқиқотӣ ва корҳои лоиҳавӣ ба фармоишгар;

- пардохти хизмати дигар ташкилотҳо, ки барои иҷрои корҳои тадқиқотӣ ва лоиҳавӣ ҷалб шудаанд;

- роҳбарӣ намудани корҳои тадқиқотӣ ва лоиҳавӣ, ки ба ташкилотҳои субпудратӣ барои иҷроиш дода мешаванд;

- таъмини ягонаи метрологӣ ва дурустии воситаҳои ченкунӣ;

- иловапулиҳо ба музди меҳнати коргарон бо назардошти истифодабарии коэффитсиентҳо, инчунин коэффитсиентҳо барои кор

дар ноҳияҳои бе об ва баландкӯҳ, ки барои минтақаҳои мазкур муқаррар шудаанд.

6. Дар доираи нархҳои умумӣ барои маҷмӯи корҳо ташкилотҳои минтақавӣ бо дарназардошти шароитҳои маҳал нархҳоро мувофиқи таносуби фоизҳо барои иҷрои корҳои алоҳида муқаррар менамояд.

7. Агар нишондиҳандаи муайянкунандаи арзиши кор (масофа, майдон ва ғ.) бо нишондодҳои нархҳои мазкур рост наоянд, пас арзиши кор бо чунин усулҳо муқаррар карда мешавад:

- бо роҳи интерполятсия, бо дарназардошти нишондиҳандаи мобайнӣ;

- бо роҳи экстрополятсия ҳангоми рост наомадани нишондиҳанда бо камтарин ё ин ки зиёдтарини нархҳои пешбинишуда.

8. Ҳангоми тартиб додани намудҳои дигари лоиҳа, ки бо супориши фармоишгар дар намуди супориши ҷудогона иҷро мешаванд, ба нархҳо коэффитсиентҳои зерин истифода мешаванд:

- ҳангоми тартибдиҳии намуди дигар бо истифодаи то 20%-и ба маводҳои пештар коркардашуда – «0,7»;

- ҳангоми то 40% истифодабарии маводҳои асосии лоиҳа – «0,5»;

- ҳангоми то 60% истифодабарии маводҳои асосии лоиҳа – «0,3»;

- ҳангоми зиёда аз 60% истифодабарии маводҳои асосии лоиҳа – «0,2».

9. Арзиши санҷиши корҳои лоиҳавӣ ва тадқиқотӣ доир ба заминсозӣ аз тарафи шахси дуюм (мувофиқакунонӣ) иловагӣ аз рӯи нархҳо бо истифода аз коэффитсиентҳои зерин муайян карда мешаванд:

- на зиёда аз «0,30» ҳангоми санҷидани нақшаҳо, махсусгардонӣ ва ҳуҷҷатҳои сметавии лоиҳаи корӣ;

- на зиёда аз «0,15» ҳангоми санҷидани натиҷаҳои ҳисобкунии майдонҳо, корҳои камералии геодезӣ, нақшакашӣ, нусхаҳои муаллифии лоиҳаҳои заминсозӣ, харитаҳои хок, геоботаникӣ ва дигар харитаҳо;

- «0,07» ҳангоми санҷидани маводҳои дигар намуди корҳо.

10. Ҳангоми иҷрои корҳои саҳроӣ дар мавсими номусоиди сол ба нархҳо коэффитсиентҳои дар ҷадвали 1 нишондодашуда истифода бурда мешавад.

Ҷадвали 1

| §§ | Давомнокии мавсими номусоиди сол, моҳ | Коэффитсиент |
|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 |
| 1 | 2 - 3,5 | 1,1 |
| 2 | 4 - 5,5 | 1,2 |
| 3 | 6 - 7,5 | 1,3 |

Н.Т.Ҷ. Вилояти Хатлон, Суғд ва ВМКБ – 1.XII 1.II 2
Боз ҳамин дар қисми кӯҳӣ – 1.XI 15.IV 5,5
Дар қисми баландкӯҳ – 15.X 15.V 7

***Эзоҳ:*** ***1. Ба ноҳияҳои кӯҳӣ ноҳияҳое дохил мешаванд, ки баландии онҳо аз сатҳи баҳр аз 1500 то 2000м ва ба ноҳияҳои баландкӯҳ зиёда аз 2000м мебошанд.***

***2. Дар кӯҳҳои яхдор ва барфҳои абадӣ давомнокии мавсими номусоиди сол аз тарафи ташкилоти лоиҳавӣ – ҷустуҷӯӣ ва тадқиқотӣ дар ҳолати алоҳида дар асоси маълумотҳои хадамоти маҳаллии обуҳавосанҷӣ муайян карда мешавад.***

11. Ҳангоми иҷрои корҳо дар ноҳияҳои кӯҳӣ ва баландкӯҳ ба нархҳо коэффитсиентҳои дар ҷадвали 2 дарҷгардида истифода бурда мешаванд.

Ҷадвали 2.

| §§ | Номгӯи ноҳияҳо | Коэффитсиент |
|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 |
| | Ноҳияҳои кӯҳӣ ва баландкӯҳ бо баландии мутлақ аз сатҳи баҳр, м | |
| 1 | аз 1500 то 1700 | 1,05 |
| 2 | аз 1700 то 2000 | 1,08 |
| 3 | >> 2000 <<2300 | 1,15 |
| 4 | >> 2300 <<2500 | 1,18 |
| 5 | >>2500 <<3000 | 1,20 |
| 6 | Зиёда аз 3000 | 1,30 |

12. Хароҷотҳои алоқаманд бо истифодабарии коэффитсиентҳои ноҳиявӣ ба музди меҳнат ба арзиши корҳо бо роҳи дохил намудани арзиши коэффитсиентҳо дар ҷадвали 3 оварда шудааст.

Ҷадвали 3

| §§ | Коэффитсиентҳои ноҳиявӣ ба музди меҳнат | Коэффитсиент ба натиҷаи арзиши сметавии корҳо |
|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 |
| 1 | 1,15 | 1,08 |
| 2 | 1,3 | 1,15 |

13. Ҳангоми иҷрои корҳо бо истифода аз маводҳои истифодабариашон маҳдуд (бо грифи «махфӣ») ба нархҳо коэффитсиенти «1,10» истифода карда мешавад.

14. Ҳангоми иҷрои корҳои саҳроӣ дар ҳудудҳои шароити реҷаи махсус ба нархҳо коэффитсиенти то «1,25» истифода карда мешавад, дар ноҳияҳои (қитъаҳои) радиоактивии баланд бошад дар алоқамандӣ аз дараҷаи радиатсия коэффитсиенти аз «1,25» то «1,50» истифода мешавад.

15. Ҳангоми як шакл доштан ва ҳаҷми нопурраи ба анҷом расонидани лоиҳаи ҷудокунӣ ба нархҳо коэффитсиенти «0,80» истифода мешавад.

16. Ҳангоми иҷрои корҳои камералӣ ва накшакашӣ ба воситаи барномаҳои компютерӣ, ба нархҳо барои корҳои иҷрошуда коэффитсиенти «1,15» истифода карда мешавад.

17. Нархҳо дар ҳолати ба иҷора додани қитъаи замин, иҷораи фаръӣ, қисман додани қитъаи замин ба иҷора бо қабули коэффисиенти «0,5» амалӣ карда мешавад.

18. Ҳангоми вобаста намудани қитъаи замин, нархҳо бо қабули коэффисиенти «0,60» амалӣ карда мешавад.

19. Ҳангоми ба нархҳо истифода кардани якчанд коэффитсиентҳои муқарраршуда, охирони он зарб карда мешавад.

20. Хароҷотҳо барои ташкил ва барҳамдиҳии корҳо дар ҳаҷми 6% аз арзиши умумии корҳои иҷрошуда амалӣ карда мешавад.

21. Арзиши корҳое, ки нархи онҳо дар нархномаи мазкур дарҷ нагардидааст, бо назардошти нархномаҳои ба ин корҳо монанд ва бо истифодаи коэффитсиентҳои ба чунин намуди кор монанд, муайян карда мешавад.

22. Ҳангоми тағйирёбии нархҳо, меъёрҳо ва дигар нишондодҳое, ки дар тартиб додани нархҳо ба ҳисоб гирифта шудаанд, нархҳои мазкур тасҳеҳ ва аниқ карда мешаванд.

23. Нархнома барои хизматрасонии корҳои заминсозӣ ва кадастри замини иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, шахсони ба онҳо баробаркардашуда, маъюбони гурӯҳи 1, 2 ва иштирокчиёни воқеаҳои Чернобил 50 фоиз ва ба оилаҳои камбизоат 30 фоиз тахфиф муқаррар карда мешавад.

24. Ба шахсони ҳуқуқӣ, ба истиснои шахсони ҳуқуқие, ки аз ҳисоби буҷаи давлат маблағгузорӣ мешаванд, инчунин ба шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ ба арзиши умумӣ коэффитсиенти афзункунандаи «1,3» истифода карда мешавад.

26. Нархнома барои шахсони ҳуқуқии аз ҳисоби буҷаи давлат маблағгузоришаванда, инчунин оромгоҳҳо, масҷидҳо, ташкилоту муассисаҳои динӣ ва дигар ҷойҳои ҷамъиятии барои истифодаи аҳолӣ пешбинишуда ба Нархномаи шахсони воқеӣ баробар ҳисоб карда мешавад.

26. Барои ба тариқи фаврӣ иҷро намудани корҳои заминсозӣ ва кадастри замин, бо қабули коэффитсиенти афзункунандаи К-2,0 амалӣ карда мешавад.

27. Барои осон намудани пардохти маблағи хизматрасониҳо иҷозат дода мешавад, ки дирам то сомонӣ яклухт карда шавад.

## 3.1. КОРҲОИ ТАЙЁРӢ ВА ТАДҚИҚОТИ САҲРОӢ

### 3.1.1. Корҳои тайёрӣ

Ҷадвали 3.1.

Воҳиди ченак – лоиҳа (бо сомонӣ)

| §§ | Миқдори хоҷагиҳои ба корҳои заминсозӣ фаро гирифташуда | Майдони ноҳия (ҳаз. га) | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | то 300 | 301-500 | 501-750 | 751-1000 | зиёд аз 1000 |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
| 1 | 2 | 2044 | 2262 | 2465 | 2668 | 2984 |
| 2 | 3 | 2332 | 2535 | 2738 | 2984 | 3299 |
| 3 | 4 | 2578 | 2808 | 3003 | 3299 | 3526 |
| 4 | 5 | 2851 | 2547 | 3249 | 3526 | 3771 |
| 5 | 6 | 3097 | 3319 | 3526 | 3740 | 4037 |
| 6 | 8 | 3608 | 3810 | 4017 | 4239 | 4528 |
| 7 | 10 | 4099 | 4302 | 4528 | 4731 | 5054 |
| 8 | 15 | 5405 | 5616 | 5807 | 6010 | 6318 |
| 9 | 20 | 6685 | 6887 | 7090 | 7301 | 7582 |
| 10 | 25 | 7933 | 8143 | 8424 | 8564 | 8915 |
| 11 | 30 | 9266 | 9477 | 9688 | 9898 | 10179 |
| 12 | 35 | 10530 | 10741 | 10951 | 11162 | 11443 |

***Эзоҳ: 1. Нархномаи мазкур барои корҳои тайёрӣ ҳангоми гузаронидани заминсозии байнихоҷагӣ (ЗБХ) дар ҳудуди ноҳияи маъмурӣ пешбинӣ шудааст.***

***2. Нархҳои иҷрокунии корҳои тайёрӣ ҳангоми ЗБХ барои ташкили хоҷагиҳои нав бо роҳи калоншавии (майдашавӣ) гурӯҳи корхонаҳои мавҷудаи кишоварзӣ аз рӯи сутуни сеюми ҷадвали 3.1 бо истифодаи коэффитсиентҳои зерин муайян карда мешаванд: ҳангоми ташкили як корхонаи кишоварзӣ – 0,45, ду – 0,55 ва се – 0,63 ва бо назардошти миқдори хоҷагиҳои ба корҳои заминсозӣ фаро гирифташуда (сутуни 2.ҷ.3.1).***

***3. Нархҳо барои иҷрои корҳои тайёрӣ ҳангоми ЗБХ оиди бартарафсозии камбудиҳои заминистифодабарӣ аз рӯи сутуни сеюми ҷадвали 3.1 бо истифодаи коэффитсиентҳои 0,18; 0,21; 0,23; 0,25; 0,27 ба нархҳои §§ 1, 2, 3, 4, 5 муайян карда мешаванд.***

### 3.1.2. Тадқиқоти саҳроӣ.

**Тавсифи гурӯҳҳои мураккабӣ**

Гурӯҳи I. а) Маҳали кушода бо релефи ҳамвор ва тарҳҳои калони якхела;

б) Маҳали кушодаи ҳамвор бо шабакаҳои обёрии кам. Миқдори тарҳҳо дар 1 дм$^2$-и нақша то 10 тарҳ.

Гурӯҳи II. а) Маҳали кушода бо каме релефи пастубаланд, баъзан аз ярҷу ҷариҳои гузаранда ё ин ки шабакаҳои на он қадар зиёди каналҳои обёрӣ ва роҳҳои гузаранда дошта.

б) Маҳали кушодаи ҳамвор бо шабакаҳои обёрӣ ва роҳҳои дар сатҳи зарурӣ инкишофёфта. Миқдори тарҳҳо дар 1 дм$^2$-и нақша то 20 тарҳ;

в) Маҳали кушодаи назди кӯҳӣ бо миқдори ками шабакаҳои обёрӣ, дарахтон ва бешазорҳо. Миқдори тарҳҳо дар 1 дм$^2$-и нақша то 10 тарҳ;

Гурӯҳи III. а) Маҳали нимпӯшида бо релефи каме пасту баланд. Соҳили дарёҳо, нимбиёбон;

б) Маҳали кушодаи ҳамвор бо шабакаҳои обёрии каналҳо ва роҳҳои инкишофёфта. Миқдори тарҳҳо дар 1 дм$^2$-и нақша то 35 тарҳ;

в) Маҳали наздикуҳӣ ё ин ки каме теппадори пасту баланди заминҳои обёришаванда. Миқдори тарҳҳо дар 1 дм$^2$-и нақша то 20 тарҳ;

Гурӯҳи IV. а) Маҳали нимпушида бо релефи бисёр пасту баландидошта ва мураккаб ва ҳолатҳои тарҳҳои хурд. Ноҳияҳои наздикуҳӣ, куҳӣ. Соҳили дарёҳо бо маҷроҳо, нимбиёбонҳо.

б) Маҳали ҳамвор бо шабакаҳои инкишофёфтаи обёрии (хушкунии) каналҳо ва роҳҳо. Миқдори тарҳҳо дар 1 дм$^2$-и нақша то 75 тарҳ;

в) Маҳали наздикӯҳӣ ё ин ки кӯҳии заминҳои обёришаванда. Миқдори тарҳҳо дар 1 дм$^2$-и нақша то 35 тарҳ

Гурӯҳи V. а) Маҳали пӯшида ва бисёр ноҳамвор, ҷангалшуда бешазоршуда ё ин ки ботлоқшуда бо ҳолатҳои тарҳҳои хурд. Ноҳияҳои кӯҳӣ ва баландкӯҳии душворгузар.

б) Маҳали ҳамвор бо шабакаҳои бисёри обёришавандаи (хушкунии) каналҳо ва роҳҳо. Миқдори тарҳҳо дар 1 дм$^2$-и нақша то 100 тарҳ ва зиёда аз он.

в) Маҳали наздикуҳӣ ва кӯҳии заминҳои обёришаванда. Миқдори тарҳҳо дар 1 дм$^2$-и нақша то 50 тарҳ.

Ҷадвали 3.2

Воҳиди ченак – лоиҳа (бо сомонӣ)

| §§ | Майдони заминҳои таҳқиқшаванда (ҳаз.га) | Гурӯҳи мураккабӣ | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | I | II | III | IV | V |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
| Миқёси 1:10000 | | | | | | |
| 1 | То 1 | 659 | 772 | 885 | 1108 | 1213 |
| 2 | 3 | 753 | 885 | 1053 | 1213 | 1388 |
| 3 | 5 | 858 | 967 | 1166 | 1353 | 1552 |
| 4 | 7 | 913 | 1108 | 1299 | 1494 | 1712 |
| 5 | 10 | 1053 | 1213 | 1439 | 1665 | 1911 |
| 6 | 15 | 1213 | 1412 | 1665 | 1938 | 2219 |
| 7 | 20 | 1353 | 1607 | 1888 | 2161 | 2519 |

КУМИТАИ ДАВЛАТИИ ИДОРАИ ЗАМИН ВА ГЕОДЕЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * ГОСУДАРСТВЕННЫЙ КОМИТЕТ ЗЕМЕЛЬНОГО УПРАВЛЕНИЯ И ГЕОДЕЗИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
ХАДАМОТИ ЗАМИНИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 8 | 30 | 1634 | 1938 | 2274 | 2605 | 2991 |
| 9 | 40 | 1911 | 2246 | 2633 | 3019 | 3494 |
| 10 | 50 | 2192 | 2547 | 2991 | 3459 | 3986 |
| Микёси 1:25000 | | | | | | |
| 11 | То 3 | 581 | 667 | 800 | 913 | 1053 |
| 12 | 5 | 667 | 753 | 913 | 1053 | 1221 |
| 13 | 10 | 827 | 940 | 1139 | 1221 | 1525 |
| 14 | 15 | 967 | 1108 | 1353 | 1552 | 1775 |
| 15 | 20 | 1108 | 1248 | 1525 | 1747 | 1993 |
| 16 | 30 | 1307 | 1494 | 1806 | 2051 | 2360 |
| 17 | 40 | 1494 | 1720 | 2051 | 2332 | 2687 |
| 18 | 60 | 1665 | 1911 | 2274 | 2633 | 3019 |
| 19 | 80 | 2158 | 2519 | 2964 | 3413 | 3912 |
| 20 | 100 | 2492 | 2859 | 3385 | 3853 | 4438 |
| Микёси 1:50000 ва 1:100 000 | | | | | | |
| 21 | то 50 | 1307 | 1634 | 2079 | 2605 | 2968 |
| 22 | 100 | 2020 | 2465 | 3132 | 3853 | 4325 |
| 23 | 200 | 2999 | 3600 | 4325 | 4879 | 5460 |
| 24 | 300 | 3494 | 4239 | 4992 | 5573 | 6267 |
| 25 | 500 | 4325 | 5238 | 6018 | 6655 | 7160 |
| 26 | 750 | 5160 | 6158 | 7020 | 7792 | 8354 |
| 27 | 1000 | 5959 | 6907 | 7862 | 8705 | 9266 |
| 28 | 1500 | 7231 | 8143 | 9266 | 10179 | 10670 |
| 29 | 2000 | 8143 | 9126 | 10390 | 11092 | 0 |

***Эзоҳ:** Нархҳо барои тадқиқоти саҳроии то 5 қитъаҳои ҷудогонаи ҳудудҳо (маҳалҳо) пешбинӣ шудааст. Ҳангоми зиёд будани миқдори онҳо ба нархҳо мутобиқан коэффитсиентҳои зерин исифода карда мешавад: ҳангоми 6 - 10 қитъа – то 1,08; 11-15 қитъа – то 1,12; 15-20-30 қитъа – то 1,22; зиёда аз 30 қитъа – то 1,30.*

## 3.2. ТАРТИБ ДОДАНИ ЛОИҲА

### 3.2.1. Ташкил намудани хоҷагиҳои нав ҳангоми калоншавӣ ё ин ки хурдкунии гурӯҳи корхонаҳои мавҷудаи кишоварзӣ

Ҷадвали 3.3

Воҳиди ченак – лоиҳа (бо сомонӣ)

| §§ | Миқдори хоҷагиҳои аз нав ташкилшуда | Миқдори хоҷагиҳое, ки ба корҳои заминсозӣ фаро гирифта шудаанд | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
| 1 | 1 | 2613 | 3315 | 4021 | 4723 | 5413 | 6115 |
| 2 | 2 | 4193 | 4895 | 5597 | 6302 | 6985 | 7652 |
| 3 | 3 | 5764 | 6466 | 7160 | 7862 | 8564 | 9266 |
| 4 | 4 | 7301 | 8073 | 8775 | 9407 | 10109 | 10811 |

***Эзоҳ: 1. Нархҳо барои хоҷагиҳои ташкилшуда дар ҷамъи майдони 10 ҳазор га муқаррар шудааст. Ҳангоми майдони камтар аз 10 ҳазор га нархҳо мутобиқан ба андозаи 35 сомонӣ дар ҳар 1 ҳазор га кам карда мешавад: агар ҷамъи майдонҳои хоҷагиҳои навташкилшуда аз 11 то 100 ҳазор га ташкил намояд, нархҳо ба андозаи 187 сомонӣ барои ҳар 10 ҳазор га; 101 – 150 ҳазор га ба андозаи 94 сомонӣ; зиёда аз 150 ҳазор га ба андозаи 35 сомонӣ барои ҳар 10 ҳазор га зиёд карда мешавад.***

***2. Ҳангоми миқдори қитъаҳои истифодабарии берунаи зиёда аз 10 будан, нархҳо ба андозаи 27 сомонӣ барои ҳар қитъаи минбаъда зиёд карда мешавад.***

***3. Нархҳо барои гурӯҳи III – и мураккабӣ муқаррар карда шудаанд. Барои гурӯҳи I ба нархҳо коэффитсиенти 0,94; II – 0,88; IV – 1,06; V – 1,13 истифода карда мешавад.***

***4. Нархҳо барои тартиб додани лоиҳаи ЗБХ дар маводи нақшавии М 1:25000 пешбинӣ шудааст; ҳангоми истифодабарии маводҳои нақшавии харитаҳо дар М 1:50000 ба нархҳо коэффитсиентҳои на камтар аз 0,80; М1:10000 то 1,15 истифода карда мешавад.***

### 3.2.2. Тартиб додани лоиҳаҳои бартарафсозии камбудиҳои заминсозӣ

Ҷадвали 3.4

Воҳиди ченак – лоиҳа (бо сомонӣ)

| §§ | Ҷамъи масоҳати қитъаҳои замини ивазшаванда (ҳаз. га) | Гурӯҳи мураккабӣ | | |
|---|---|---|---|---|
| | | I - II | III - IV | V |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| 1 | 0,03 | 534 | 667 | 792 |
| 2 | 0,05 | 534 | 686 | 815 |
| 3 | 0,07 | 554 | 702 | 835 |
| 4 | 0,10 | 577 | 722 | 870 |
| 5 | 0,20 | 632 | 792 | 963 |
| 6 | 0,30 | 686 | 870 | 1037 |
| 7 | 0,50 | 772 | 983 | 1186 |
| 8 | 0,70 | 858 | 1037 | 1221 |
| 9 | 1 | 913 | 1080 | 1271 |
| 10 | 3 | 1271 | 1720 | 2204 |
| 11 | 5 | 1630 | 2227 | 2703 |
| 12 | 10 | 2149 | 2613 | 3151 |
| 13 | 20 | 2204 | 3221 | 3740 |
| 14 | 30 | 3073 | 3526 | 4169 |
| 15 | 40 | 3370 | 3561 | 4466 |
| 16 | 50 | 3631 | 4091 | 4723 |
| 17 | 60 | 3826 | 4298 | 5460 |
| 18 | 80 | 4161 | 4641 | 5230 |
| 19 | 100 | 4477 | 4949 | 5511 |
| 20 | 120 | 5343 | 5741 | 6115 |

КУМИТАИ ДАВЛАТИИ ИДОРАИ ЗАМИН ВА ГЕОДЕЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * ГОСУДАРСТВЕННЫЙ КОМИТЕТ ЗЕМЕЛЬНОГО УПРАВЛЕНИЯ И ГЕОДЕЗИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

ХАДАМОТИ ЗИДДИИНҲИСОРИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Эзоҳ: 1. Агар ивазкунии қитъаҳои замин байни зиёда аз ду заминистифодабар гузаронида шавад, нархҳо ба андозаи 129 сомонӣ барои ҳар як заминистифодабари минбаъда зиёд карда мешаванд.***

***2. Агар иваз намудани қитъаҳои замини байни ду ноҳия гузаронида шавад, нархҳо ба андозаи 351 сомонӣ зиёд карда мешаванд.***

***3. Ҳангоми зарурияти ҷалб намудани агроном – иқтисодчӣ дар минтақаҳои мураккаб ба нархҳо коэффитсиенти то 1,25 истифода карда мешавад.***

## 3.3. МУАЙЯН (БАРҚАРОР) НАМУДАНИ ҲУДУДИ ЗАМИНИСТИФОДАБАРӢ

**Тавсифи гурӯҳҳои мураккабӣ**

Гурӯҳи I. Ҳамвории кушода ё ин ки маҳали кам теппадор;

Гурӯҳи II. а) Теппадори кушода ё ин ки бо ҷарӣ ва ярҷҳо буридашудаи маҳали ҳамвор;

б) Ҳамвории нимпӯшида ва ё маҳали камтеппадор;

Гурӯҳи III. а) Маҳали кушоди кӯҳӣ;

б) Маҳали нимкушоди теппадор ё ин ки бо ҷарӣ ва ярҷҳо буридашуда;

в) Маҳали ҳамвори ҷангалзоршуда ё ин ки кам теппадор;

г) Майдони шудгоршуда;

Гурӯҳи IV. а) Маҳали кушодаи баландкӯҳ;

б) Маҳали нимпӯшидаи кӯҳӣ;

в) Маҳали ҷангалзоршудаи теппадор ё ин ки бо ҷарию ярҷҳо буридашуда;

Гурӯҳи V. а) Маҳали нимпӯшидаи баландкӯҳ;

б) Маҳали кӯҳии ҷангалзоршуда.

### 3.3.1. Корҳои тайёрӣ

Ҷадвали 3.5

Воҳиди ченак – заминистифодабарӣ (бо сомонӣ)

| §§ | Масофаи ҳудуди тадқиқотӣ (км) | Гурӯҳи мураккабӣ | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | I | II | III | IV | V |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
| 1 | то 3 | 378 | 386 | 402 | 406 | 437 |
| 2 | 5 | 421 | 428 | 449 | 456 | 484 |
| 3 | 10 | 472 | 484 | 499 | 511 | 542 |
| 4 | 20 | 569 | 589 | 612 | 624 | 659 |
| 5 | 30 | 675 | 694 | 722 | 745 | 792 |
| 6 | 40 | 772 | 792 | 827 | 850 | 897 |
| 7 | 50 | 862 | 893 | 932 | 932 | 1010 |
| 8 | 60 | 940 | 975 | 1018 | 1053 | 1108 |
| 9 | 70 | 1022 | 1061 | 1104 | 1139 | 1201 |
| 10 | 80 | 1100 | 1139 | 1186 | 1229 | 1291 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 11 | 90 | 1186 | 1221 | 1271 | 1318 | 1385 |
| 12 | 100 | 1264 | 1307 | 1353 | 1404 | 1474 |
| 13 | 120 | 1412 | 1459 | 1517 | 1572 | 1650 |
| 14 | 140 | 1564 | 1607 | 1677 | 1736 | 1825 |
| 15 | 160 | 1685 | 1739 | 1810 | 1876 | 1966 |
| 16 | 180 | 1782 | 1841 | 1915 | 1981 | 2079 |
| 17 | 200 | 1880 | 1938 | 2016 | 2090 | 2192 |
| 18 | 220 | 1973 | 2036 | 2126 | 2196 | 2301 |
| 19 | 240 | 2071 | 2141 | 2227 | 2309 | 2414 |

***Эзоҳ: 1. Нархҳо барои 20 км ҳудуди хоҷагӣ то ду, дар 40 км то се, 60 км то чор заминистифодабари ҳамсарҳад пешбинӣ шудааст. Ҳангоми миқдори онҳо зиёд будан, нархҳо ба андозаи 43 сомон барои ҳар як заминистифодабари ҳамсарҳади минбаъда зиёд карда мешавад.***

***2. Ҳангоми дурии ҳудудҳои тадқиқотӣ аз ташкилотҳои баҳайдгирӣ ба масофаи аз 20 то 30 км ба нархҳо коэффитсиентҳои то 1,04; аз 31 то 50 км то 1,08; аз 51 то 100 км то 1,15 истифода карда мешавад.***

***3. Ҳангоми иҷрои корҳо дар минтақаҳои даштии камодам ба нархҳо коэффитсиенти то 1,10 дар нимбиёбонҳо ва минтақаҳои кӯҳӣ то 1,25, биёбон ва баландкӯҳҳо то 1,33, дар минтақаҳои наздикӯҳӣ то 1,15 истифода бурда мешавад.***

***4. Дар ҳолатҳое, ки ба коргарон ҳақи сафари хизматӣ пардохт карда намешавад, ба нархҳо коэффитсиенти – 0,95 истифода карда мешавад.***

***5. Дар ҳолате, ки музди меҳнати коргаронро хоҷагӣ пардохт менамояд, ба нархҳо коэффитсиенти 0,86 истифода карда мешавад.***

### 3.3.2. Буридани дарахтон, пайроҳа намудан то нуқтаи ченкунӣ

### 3.3.2.1. Додани супориш барои буридани дарахтон, пайроҳа намудан то нуқтаи ченкунӣ

Тавсифи дараҷаи мураккабӣ

| Хусусияти ҷангалзорҳо | Релеф | | |
|---|---|---|---|
| | Ҳамворӣ ё ин ки теппадор | Буридашуда | Кӯҳӣ |
| Ҷангали начандон ғафс ё ин ки буттазор | I | II | III |
| Ҷангал ё ин ки буттазори ҷафсиаш миёна | II | III | IV |
| Ҷангали ҷафс ё ин ки буттазор | III | IV | V |

Ҷадвали 3.6

Воҳиди ченак – 10 км (бо сомонӣ)

| §§ | Намудҳои навъи дарахтон | Гурӯҳи мураккабӣ | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | I | II | III | IV | V |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Мулоим | 378 | 484 | 616 | 776 | 967 |
| 2 | Сахт | 681 | 913 | 1201 | 1612 | 2274 |

*Эзоҳ: 1. Ҳангоми буридани дарахтони навъи мулоим ду коргар ва барои сахт – се коргар пешбинӣ шудааст.*

*2. Ҳангоми мавҷудияти навниҳолҳои ҷафс дар нишебии моил ба нархҳо коэффитсиенти 1,20 истифода карда мешавад.*

*3. Ҳангоми истифодабарии арраи муҳаррикдор ба нархҳо коэффитсиенти 0,80 истифода карда мешавад.*

*4. Дар ҳолате, ки музди меҳнати коргаронро хоҷагӣ пардохт менамояд, ба нархҳо коэффитсиенти зерин истифода бурда мешавад: ду коргар – 0,64, се – 0,55.*

*5. Дар ҳолате, ки ба коргарон маблаги сафари хизматӣ пардохт карда намешавад, ба нархҳо коэффитсиентҳои зерин истифода мешаванд: ҳангоми ду коргар – 0,78, се – 0,72.*

### 3.3.2.2. Буридани дарахтон, пайроҳа намудан барои дидани нуқтаи ченкунӣ

Ҷадвали 3.7

Воҳиди ченак – 1 км (бо сомонӣ)

| §§ | Намуди кор | Гурӯҳи мураккабӣ | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | I | II | III | IV | V |
| | Буридани дарахтон то нуқтаҳои даркории ченкунӣ бо паҳноии 0,6 – 0,7 м дар ҷангал: | | | | | |
| 1 | Навъи мулоим | 23 | 35 | 51 | 70 | 98 |
| 2 | Навъи сахт | 35 | 39 | 59 | 86 | 125 |
